# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи доктории Самандарзода Насрулло Юсуф дар мавзуи «Синтези ҳосилаҳои нави кислотаҳои холан ва омӯзиши хосиятҳои биологии онҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03-Химияи органикӣ**

Реаксияҳои ҳосилкуни эфирҳои мураккаби кислотаи холан, атсилҳосилаҳо, эфирҳои пропан-1,2-диолҳо омузиши хосияти биологии фаъоли ин пайвастаҳо дар муқоиса бо маводҳои маҷмуи омӯхта шудаст. Бештари ин пайвастҳо истифодаи худро дар тибби амалӣ ба сифати маводи доруворӣ, ки хосияти гиполипидӣ, гепатопротекторӣ, зиддиилтиҳобӣ, антимикробӣ ва ғайра доранд, пайдо намудаанд.

Ҳангоми иҷро намудани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ диссертант Самандарзода Насрулло Юсуф дар байни ҳосилаҳои нави кислотаи холан ва эфирҳои он бо эпихлоргидрин, α-монохлоргидрини, боқимондаҳои аминокислотаҳо, пептидҳо, эфирҳои онҳо, хосиятҳои бештари номаълумро дар шакли фаъолнокии гиполипидӣ, гепатопротекторӣ, зиддибактериалӣ ва инкишофи танзимшавандаи онҳоро дар вақти захрнокии паст ошкор карда аст. Дар байни онҳо пайвастҳое мавҷуданд, ки дар таркиби худ комплексҳои фаъоли биологӣ доранд. Илова бар ин, аз рӯйи ҳаҷми таъсири фармакологии худ бисёре аз ин пайвастҳо аз бисёр маводҳои дорувории маълум дар тибби амалия истифодашаванда ба монанди урсофалк, карсил ва ғайраҳо афзалияти худро нишон доданд.

Таҳқиқот, дарёфт, таҳлил ва ҷамъбасти маълумоти илмӣ оид ба экспериментҳои химиявӣ, биологӣ ва биохимиявӣ, ҷудокунии хромотографии омехтаи реаксионӣ, ҷудокунӣ ва тоза кардани маҳсулоти нави синтезшуда ва аз растаниҳо ҳосилнамударо низ, иҷро намуд. Сохти моддаҳои бадастовардаро, тавассути усулҳои таҳлилии физикию-химиявӣ муайян кард. Синтези ҳосилаҳои кислотаи холанинро бо мақсади ҳосил намудани пайвастаҳои дорои хосиятҳои беҳтари биологӣ иҷро кардааст. Муаллиф дар коркарди нақшаи таҳқиқот, омода намудани мақолаю фишурдаҳо ба чоп ва маърӯзаи онҳо бевосита саҳмгузор мебошад.

Ба тарафҳои мусбати кор нигоҳ накарда ҳангоми мутолиаи автореферати докторӣ якчанд мулоҳизаҳо ва баъзе камбудиҳо ба назар расиданд:

1. Омузиши хосиятҳои фармакологии моддаҳои синтез карда Шумо то кадом зина омухтед.

2. Истифодаи моделҳои гуногуни фармакологӣ дар автореферати кори мазкур қайд карда шудаст Шумо аз кадоми ин моделҳо истифод намудаед.

Хулоса автореферати диссертатсияи Самандарзода Насрулло Юсуф дар мавзуи: «Синтези ҳосилаҳои нави кислотаҳои холан ва омӯзиши хосиятҳои биологии онҳо», бо мазмуну мухтаво, масъалагузорӣ, муҳокимаронихои муфассал ва хулосабарориҳои амиқу дақиқ кори комили илмӣ ва таҳқиқоти пурра анҷомёфта мебошад. Мақолаҳои илмии чопнамудаи муҳаққиқ мазмун ва мӯҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунад. Автореферати диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан ҷавобгӯ мебошад.

Аз ин рӯ, Н.Ю. Самандарзода барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои химия аз руйи ихтисоси 02.00.03- Химияи органикӣ сазовор аст.

**Такризнавис: Мушовири илми**
**Муасисаи давлатии илмӣ –тадқиқотӣ**
**«Ғизо» доктори илмхои тибб, профессор** Азонов Ҷ
**Тел.+992935370777 azonov_02@mail.ru**

**Сардори раёсати кадрхо ва корхои**
**махсуси Муасисаи давлатии илмӣ**
**–тадкиқотӣ «Ғизо»** **Набиева Ф.С.**
**«15» ноября соли 2023**